**ПРОТОКОЛИ № 158**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-016**

аз «10» январи соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** аз 9 нафар аъзои шуро 9 нафар.

**Раиси шуро**: Шарифов Зариф Раҳмонович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 9 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, №14/шд, тасдиқ шуда, бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05-уми январи соли 2026, №3/шд фаъолияти шурои диссертатсионӣ ба Таснифоти ихтисосҳои илмии доктори фалсафа (PhD) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Феҳристи ихтисосҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шудааст, 9 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**<u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА</u>:**

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ.

**Баромад намуд:** раиси шурои диссертатсионӣ Шарифов З.Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, қайд намуд, ки Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050608 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ санаи 09.03.2023 дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ҳимоя намуда буд. Бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №119 аз 29.05.2023 бинобар риоя нагардидани талаботи сархати 4 банди 21 ва бандҳои 42, 51, 72, 88 Тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) қарори шурои диссертатсионӣ бекор карда шуда буд.

Дар маҷлиси имрӯза тибқи аризаи пешниҳоднамудаи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ ба ташхиси пешакӣ қабул карда мешавад.

**Баромад намуданд:** Котиби илмии шуро Олимов А.Х. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент ва аъзои шурои диссертатсионӣ Қудратов Р. Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Раҷабов Р.К. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Пиризода Ҷ.С. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

– доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳматзода Ҳайдар Бобо;
– доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Самандаров Искандар Ҳусейнович;
– номзади илмҳои иқтисодӣ Мирзоев Суҳбатулло Авғонович.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона ҷонибдорӣ гардид.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор — Шарифов З.Р.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Олимов А.Х.

Имзои Шарифов З.Р. ва Олимов А.Х.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур — Қурбонзода А.Х.